**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.05.2024, №10

Барои сазовор донистани Бобоева Зарнигор Тоҳировна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти №308/шд) аз 28-уми феврали соли 2024, суратмаҷлиси №9 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Бобоева Зарнигор Тоҳировна 1-уми январи соли 1985 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2007 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси омӯзгор-рӯзноманигор хатм кардааст. Солҳои 2010-2013 ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик дар Литсейи №2-и шаҳри Панҷакент кору фаъолият намудааст. Аз соли 2014 то ба ҳол дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳайси муаллими забони адабии ҳозираи тоҷик ва адабиёти бачагона дар кафедраи методикаи таълими ибтидоӣ (ҳоло кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарии факултети ТИ ва ПМ) фаъолият дорад. Аз соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба кори илмӣ машғул аст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров иҷро шудааст.

**Роҳбарони илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Сабурӣ Хайрулло Мирзозода ва доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода.

**Муқарризони расмӣ: Неъматов Саъдулло Эргашевич** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Зоиров Сиротулло Абдулмаҷидович –** номзади илмҳои педагогӣ, муовини директор оид ба корҳои тарбиявии Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе»;

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик А.А. Муродов, эксперт – номзади илмҳои педагогика, дотсент Муҳаммадалиев С., котиби илмии ҷаласа – муаллими калони кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик Абдураҳимов Ф. имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р. тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика ва методикаи таълим буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару

мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 9-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Исрофилниё Ш.Р., Бобоева З.Т. Методикаи таълими як ғазали Абдураҳмони Ҷомӣ вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим дар синфи 9 [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё З.Т. Бобоева // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2019. №2 (26). – С.183-187.

[2-М]. Бобоева З.Т. Методикаи таълими босалоҳияти достони «Юсуфу Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9. [Матн] / З.Т. Бобоева // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2019. №4 (36). – С.135-140.

[3-М]. Бобоева З. Шеваи таълими маснавии «Силсилат-уз-заҳҳаб»-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 7 бо назардошти муносибати босалоҳият [Матн] / З. Бобоева // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2019. №4 (28). – С.178-185.

[4-М]. Исрофилниё Ш.Р., Бобоева З.Т. Методикаи тадриси ашъори ғиноӣ вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим дар курси таърихи адабиёт [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё, З.Т. Бобоева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2019. №3 (80). – С.193-196.

[5-М]. Исрофилниё Ш.Р., Бобоева З. Методикаи таълим ва таҳлили «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё, З. Бобоева // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2019. №1. – С.81-89.

[6-М]. Турсунов Ғ.А., Бобоева З.Т. Мухтассоти жанри ҳикоят ва нақши сюжет дар он [Матн] / Ғ.А. Турсунов, З.Т. Бобоева // Паёми Донишкадаи забонҳо. –Душанбе, 2019. №1 (33). – С.60-64.

[7-М]. Исрофилниё, Ш.Р., Бобоева, З.Т. Методикаи тадриси ашъори ғиноӣ вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим дар курси таърихи адабиёт [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё, З.Т. Бобоева // Паёми АТТ. – Душанбе, 2019. №1(30). – С.47-52.

[8-М]. Бобоева З.Т. Методикаи таълими босалоҳияти «Хираднomai искандарӣ»-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси таърии адабиёт [Матн] / З. Т. Бобоева // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2020. №1 (62). – С.213-218.

[9-М]. Бобоева З.Т. Усули таълими назми Ҷомӣ дар синфҳои ибтидоӣ [Матн] / З.Т. Бобоева // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2022. №1 (45). – С.170-174.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

10-М]. Бобоева З.Т. Таълими «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи 9 [Матн]/ З.Т. Бобоева // Маърифати омӯзгор. – Душанбе, 2019. №5. – С.39-42.

[11-М]. Бобоева З.Т. Таълими матни асари бадеӣ ва усули ба роҳ мондани корҳои эҷодии хонандагон [Матн] / З.Т. Бобоева // Маводи конференсияи илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами забон ва адабиёти шарқ» дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 2019. – С.143-149.

[12-М]. Бобоева З.Т. Шеваи таълими «Баҳористон»-и АбдураҳмониҶомӣ [Матн] / З.Т. Бобоева // Масъалаҳои методикаи таълим. – Душанбе, 2019. №4. – С.36-39.

[13-М]. Бобоева З.Т. Тарзу усул ва роҳу василаҳои таълими «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфҳои ибтидоӣ [Матн] / З.Т. Бобоева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии апрелии донишҷӯён, магистрантон ва омӯзгорон дар мавзуи «Инсон. Ҷамъият. Табиат. Илм» 30 апрели соли 2019 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент. – Панҷакент, 2019. – С.94-98.

[14-М]. Бобоева З. Шеваи таълими босалоҳияти шарҳи ҳоли Ҷомӣ дар курси хониши адабӣ [Матн] / З. Бобоева // Маводи анҷумани илмӣ-амалии байналмилалии «Масоили мубрами таърих, фарҳанг, таърихнигорӣ ва манбаъшиносии халқҳои Осиёи Миёна» дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ба муносибати 60-солагии доктори фанҳои таърих, профессор Воҳидов Шодмон Ҳусейнович. – Панҷакент, 2021. – С.117-121.

[15-М]. Бобоева З.Т. Шеваи таълими босалоҳияти шарҳи ҳоли Ҷомӣ дар курси таърихи адабиёт [Матн] / З.Т. Бобоева // Материалы Международной научно-практической конференции «XII Ломоносовские чтения» посвященной Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией (29-30 апреля 2022), Част III. Педагогика, лингвистика. – Душанбе, 2022. – С.48-55.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** Ходжаева М.Дж. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори муассисаи давлатии буҷетии таҳсилоти миёнаи умумии

Россия-Тоҷикистон «Мактаби миёнаи умумӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида дар шаҳри Хуҷанд ба номи А.П. Чехов» мусбат буда, дар он қайд шудааст, ки автореферати диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Ба назари муқарриз, дар пажуҳиши Бобоева Зарнигор бори аввал дар педагогика ва методикаи таълими адабиёти тоҷик нақши технологияи таълим, аз ҷумла ҳамрадифшавии усулҳои таълим дар шаклгирии салоҳиятҳо, корбурди босамари методҳои интерактивии таълим дар заминаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод шудааст. Тавсияҳои методӣ, ки унвонҷӯ дар мавриди истифодаи амалии натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуъ бадастомада дар автореферат овардааст, пояи баланди илмию методӣ дошта, дар амал татбиқ намудани онҳо метавонанд дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон ва боло бурдани сифати таълими адабиёти тоҷик мусоидат намояд.

2. **Тақризи** Байзоев А.М. - номзади илмҳои филологӣ, сармутахассиси шуъбаи инноватсия ва психологияи таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон низ мусбат буда, дар он автореферат ва диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна пажуҳиши тоза ва анҷомёфта маънидод гардида, дар баробари зикри дастовардҳои довталаби дараҷаи илмӣ чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- ба андешаи мо, беҳтар аст мавзуъ «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибат **дар** таълими...» номгузорӣ шавад, на **«ба** таълими...». «Муносибати босалоҳият **ба таълим»** мафҳуми умумиест, ки асосҳои назариявии муносибати босалоҳиятро дар бар мегирад, аммо ҷанбаҳои амалии он **дар таълими** ин ё он фанни алоҳида баррасӣ мешавад;

- дар таҳқиқот сухан аз истифодаи консепсияи ба истилоҳ KSA (knowledge, skills, abilities) меравад. Аввалан, ин истилоҳ ҳам дар варианти тоҷикӣ ва ҳам дар варианти русии автореферат нодуруст навишта шудааст (knowlls, skills, abiles - с.8, 40). Сониян, дар фишурда (аннотатсия)-и автореферат бо забони англисӣ ин истилоҳ дар вариантҳои гуногун оварда шудааст (KSA, KPN, KPS) ва шарҳи онҳо низ аз ҳам тафовут дорад (с.56);

- дар матни автореферат чунин омадааст: «Барои дақиқ намудани вазъи таълим миёни 65 нафар омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷики вилояти Суғд «Пурсишнома» гузаронида шуд» (с.9). Аввалан, «Пурсишнома» гузаронида намешавад, балки бо истифода аз пурсишнома омӯзиши афкори омма сурат мегирад.

**3. Тақризи** Амонов С. - мудири шуъбаи коркард, татбиқи технологияи инноватсионии таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба

номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон низ мусбат буда, пажуҳиши З. Бобоеваро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он пешниҳоди зерин манзур шудааст:

- ҳамзамон, матни автореферат аз камбудиҳои мантиқӣ, имлоӣ ва техникӣ холӣ нест, ки албатта, қиммати таҳқиқро коҳиш намедиҳанд, вале бояд ислоҳ шаванд.

**4. Тақризи** Аминҷонова М.С. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон низ мусбат буда, пажуҳиши З. Бобоеваро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар тақриз зикр мегардад, ки автореферати диссертатсияи унвонҷӯ дорои хатоҳои имлоӣ буда, ислоҳи онҳо сифати рисолаи илмиро боло мебардорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- унвонҷӯ Бобоева Зарнигор бори аввал дар илми педагогикаи тоҷик методикаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти яке аз саромадони адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ Абдураҳмони Ҷомиро вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият дар таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқ ва аз озмоишҳои педагогӣ гузаронида, усулҳои тадриси онҳо, ки ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шудааст, дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо далелҳои илмию методӣ **собит намудааст**.

- диссертант бори нахуст тамоюли гузаштан ба консепсияи ДТМ (дониш, таҷриба, малака), ки дар арзёбии фаъолияти хонандагон ва муносибати босалоҳият дар таълим нақши калидӣ дорад, ба миён гузошта, натиҷаҳои босамари онро дар мисоли омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **мушаххас кардааст**.

- Бобоева Зарнигор норасоӣ ва номутобиқатии барномаву китобҳои дарсӣ ба синну соли хонандагонро ҳангоми интихоби осори Ҷомӣ ошкор ва бо далелҳои илмӣ собит намуда, намунаҳо аз осори адиб барои ҳар се зинаи омӯзиши адабиёт **пешниҳод кардааст**.

- илова ба ин, унвонҷӯ методикаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомиро тавассути технологияҳои интерактивӣ пешниҳоди омӯзгорону муҳаққиқон гардидааст, ки ҳамчун модули таълимӣ дар таълими рӯзгор ва осори дигар адибон **метавонад, истифода шавад.**

**Арзиши назариявии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки дар диссертатсия татбиқи асосҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият дар мисоли таълими ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ таҳқиқ шуда, он ҳамчун модули таълимӣ дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти дигар адибони классики форсӣ-тоҷикӣ метавонад истифода шавад ва ба ин васила раванди фарогирии

низоми таълим ба муносибати босалоҳият васеътар мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар таҳияи стандарт ва барномаи таълимӣ, навиштани китобҳои дарсӣ доир ба адабиёти тоҷик барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дастурҳои таълимӣ доир ба методикаи таълими адабиёт, курсҳои назариявӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯёну хонандагон, хондани лексияҳо, инчунин барои гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳо аз методикаи таълими адабиёти тоҷик мавриди истифода қарор бигирад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** амсила(модел)-и аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшуда ва аз лиҳози озмоишӣ санҷидашудаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти адибон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шудааст ва барои баланд бардоштани сифати таҳсил мусоидат мекунад, ташкил медиҳад. Пешниҳодҳои илмию методии диссертатсия барои аз нигоҳи нав таълим додани ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ ва дигар суханварони бузурги адабиёти тоҷик моҳияти илмиву амалӣ дошта, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми таълими фанни «Адабиёти тоҷик», устодони коллеҷҳои педагогӣ ва донишкадаву донишгоҳҳои равияи педагогӣ ҳангоми таълими фанҳои «Методикаи таълими адабиёти тоҷик» ва «Таърихи адабиёти тоҷик» метавонанд, истифода баранд. Инчунин, дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимони забон ва адабиёти тоҷик тавсияҳои илмию методии диссертатсияро пешниҳод кардан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки саҳеҳият ва натоиҷи бадастомадаро технологияҳои интерактивии ба мақсад, объект, мавзуъ ва вазифаҳои пажуҳиш мувофиқ будаи таълим таъмин кардаанд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои асосии дар диссертатсия бадастомада аз саҳеҳияти таҳқиқот сарчашма гирифта, дар лабараторияи илмию амалӣ озмоиш шуда, тавассути технологияҳои оморӣ мавриди таҳлили миқдорию сифатӣ ва арзёбии ҷамъбастӣ қарор гирифтаанд. Озмоишҳои таълимӣ дар чаҳор муассисаи таълимӣ гузаронида шуда, дар марҳалаҳои таҳқиқот аз муассисаҳои таълимӣ беш аз 350 хонанда ва 65 нафар омӯзгорон иштирок намуданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** аз он иборат аст, ки дар ҳама марҳалаҳои таҳқиқот, аз ҷумла, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ, санҷиш ва татбиқи натоиҷи озмоишҳову таҷрибаҳо, коркард ва тавзеҳи маълумоти бадастомада аз таҳқиқу озмоиш, таҳия ва нашри натиҷаҳои тадқиқот бевосита иштирок кардааст. Иштироки шахсии муаллифи диссертатсия ҳамчунин дар он ифода меёбад, ки ӯ намунаҳои нақшаи ташаккули салоҳиятҳоро доир ба

ҳар як масъалаи мавзуи мавриди таҳқиқ мураттаб намуда, аз озмоишҳои педагогӣ гузаронида, натиҷаи онро пешниҳод намудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 15 майи соли 2024 дар бораи сазовор донистани Бобоева Зарнигор Тоҳировна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 11 - нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, №308/шд), аз ҷумла 5 - нафар (3 – нафар доктори илм ва 2 - нафар номзади илм) аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Ш.А.

И.в., котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Қосимӣ С.А.

15.05.2024